# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Султонзода Беҳзод Султонӣ дар мавзуи «Лашкардории аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX-ибтидои асри XX) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) пешниҳод гардидааст.**

Дар замони Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити хосе барои омӯзиши таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлатҳои давраи пасини муносибатҳои феодалии Осиёи Миёна фароҳам омадааст. Бо дарназардошти зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи таърихи халқи тоҷик дар садаҳои миёна ва пасин мавзуи лашкардорӣ, нақши лашкар дар умури сиёсӣ ва идории давлат ва мақоми он дар давлатҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX аҳамияти хос пайдо мекунад.

Диссертатсияи Султонзода Беҳзод Султонӣ аввалин таҳқиқоти муфассал оид ба «Лашкардории аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX ибтидои асри XX)» ба шумор меравад. Мавзуъ аз ҷониби диссертант бо фарогирии ҷиҳатҳои гуногунаш мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар диссертатсия ташкили қӯшун ва хидмати ҳарбӣ дар аморати Бухоро, ҳолат ва идораи он, ташкили артиши муназзам ва таъминоти моддии он, ҳамчунин яроқу аслиҳа ва таъминоти лашкари аморати Бухоро бо асбоби ҷангӣ ва муҳорибаю мудофиа, унвон, дараҷаҳои ҳарбӣ ва ӯҳдадориҳои соҳибони он, таъмини моддии сарбозон тибқи анъана ва навовариҳо, ҳаёти моддӣ-маишии онҳо мавриди омузиш қарор гирифтааст. Ин масъалаҳо дар осори таърихнигорони маҳаллӣ, навишта ва ёддоштҳои олимону муҳаққиқони рус ва хориҷа дар замони забти Осиёи Миёна аз тарафи Россия ва дар даврони тобеияти аморати Бухоро ба Россия, осори олимон ва тадқиқотчиёни даврони шӯравӣ ва даврони баъди барҳамхӯрии империяи шӯравӣ низ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, дар асарҳои А.Ш. Розиқзода, Ҳ.Пирумшоев, В. Дубовитский,

забти Осиёи Миёна аз тарафи Россия ва дар даврони тобеияти аморати Бухоро ба Россия, осори олимон ва тадқиқотчиёни даврони шӯравӣ ва даврони баъди барҳамхӯрии империяи шӯравӣ низ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, дар асарҳои А.Ш. Розиқзода, Ҳ.Пирумшоев, В. Дубовитский, Б.Исмоилова, М.Ш. Холов, Ҷ. Ҷӯрабоев, Бароти Шамсо, Ю. Шукриллаев, Б. Турсунов, олимони рус Д.В. Шевченко, О.А. Егоренко, С.С.Бороздин ва дигарон маълумотҳои муҳим доир ба масъалаҳои ҳарбӣ, идораи маъмурӣ-давлатӣ, вазифаҳои маъмурӣ ва ҳарбӣ дар аморати Бухоро инъикос ёфтаанд, ки барои пажӯҳандагон ҳамчун арзишҳои муҳими таърихӣ хизмат мекунад.

Аз назари унвонҷӯ, дар баробари ин, масъалаи унвон, дараҷаҳои ҳарбӣ ва ӯҳдадориҳои соҳибони он таъмини моддии сарбозон тибқи анъана ва навовариҳо, ҳаёти моддӣ-маишии онҳо ҳам омӯзиши хоса ва умдаеро талаб мекунад. Доир ба ин муаммо низ муаллиф бозҷусти илмӣ бурда, ба ҳалли бархе масъалаҳои таҳқиқнашудаи лашкар, кори аскария ва таъмини моддии қӯшун дар аморати Бухоро алоҳида ~~таваҷҷуҳ~~ зоҳир намудааст.

Аз ин ҷост, ки диссертатсияи мазкур яке аз мавзуҳои мубрами илми таърихнигорӣ ба ҳисоб рафта, барои ҳимоя тавсия дода мешавад.

Номзади илмҳои таърих, дотсенти
кафедраи таърих ва диншиносии ДДҲБСТ: Файзуллоева М.Ш.

Имзои номзади илмҳои таърих, дотсенти
кафедраи таърих ва диншиносии ДДҲБСТ
Файзуллоева М.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДҲБСТ: Мирпоччоев И.Х.

18.04.2022